**НУСХА**

аз суратмаҷлиси № 11 кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

05 июни соли 2024 шаҳри Душанбе

Иштирок доштанд: мудири кафедра, проф. Ғаюрзода Ш. К., профессорон: Тағойназаров Ш. Т., Қурбонов Қ. Ш., Ғаффорзода И. Ғ., дотсентон: Ҳиматов Ҳ. Н., Қосимов Ф. А., Қурбонов Қ. Б., (иҷрокунандаи вазифаи раисикунанда). Саидов Ҳ. М., Соҳибзода М. М., муаллими калон: Мирзомуродзода Д. Г., Султонова Д. Ш., ассистентон: Ҷураев А. Ш., Шерзода Б. С., Нарзуллоев Ф. Ҷ., Қодирзода С. С., (котиби ҷаласа)., лаборанти кафедра – Ҳакимов Я. Б., мудири кабинети таълимии кафедра - Саидов Ш. У.

Рӯзномаи маҷлис:

2. Муҳокимаи диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод – унвонҷӯйи кафедра дар мавзӯи “Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии муздноки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Роҳбари илмӣ: Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Раиси ҷаласа.** Диссертатсияи муаллими калони кафедра Мирзомуродзода Д. Г. соли ҷорӣ дар ҷаласаи кафедра муҳокима шуда буд. Дар он ҷаласа роҳбари илмӣ, ду муқарриз: дотсентон Ҳиматов Ҳ. Н. ва Саидов Ҳ. М., бо назари таҳлилию танқидӣ баромад намуда, пешниҳод доштанд, ки ин асар ба коркарди иловагӣ баргардонида шавад.

Бинобар ин, оид ба корҳои анҷомдода, баёни мубрамият, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни диссертатсия сухан ба унвонҷуй дода мешавад (баромад замима мегардад).

Баъди баромади Мирзомуродзода Д. Г., аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш дода шуд.

Роҳбари илмӣ низ баромад намуда, гуфт, ки андешаҳои ӯ оид ба ин асар дар тақризи ӯ расман инъикос ёфтааст. Ин тақриз мусбӣ мебошад. Ба андешаи ӯ барои таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар воситаҳои муосири танзими ҳуқуқи маданӣ лозим аст. Яке аз чунин воситаҳо шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ мебошад. Ин мавзуъ дар илми муосири ҳуқуқи маданӣ масъалаҳои нав мегузорад, ки онҳо ҳалли худро дар диссертатсияи

Мирзомуродзода Д. Г. пайдо кардаанд. Бинобар ин, диссертатсияи Мирзомуродзода Д. Г. – унвонҷӯйи кафедра дар мавзӯи “Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пурра ба талаботҳои ҷойдошта ҷавобгӯ мебошад, пешниҳод менамоям, ки он ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

**Раиси ҷаласа.** Ин пешниҳодро ба овоздиҳии кушода аъзоёни кафедра мегузорам.

Дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок доштанд 17 нафар. Тарафдор – 17 нафар, зид ва бетараф нест.

Ҳамин тавр, кафедра чунин **Қарор** қабул намуд:

1. Диссертатсияи Мирзомуродзода Д. Г. – унвонҷӯйи кафедра дар мавзӯи “Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

2. Хулосаи мусбии кафедра оид ба диссертатсияи мазкур кабул гардида ва барои тасдиқ ба Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад (хулосаи кафедра замима мегардад).

Иҷрокунандаи вазифаи раиси
ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи
мадании факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: Қурбонов Қ. Б.

Котиби ҷаласа, ассистенти
кафедра: Қодирзода С. С.

Имзоҳои Қурбонов Қ. Б. ва Қодирзода С. С. – ро тасдиқ
мекунам. Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э. Ш.

05. 06. 2024